**Тақриз**

**ба автореферати диссертатсияи Алиева Ҷамила Файзовна дар мавзуи «Нақши Садриддин Айнӣ дар таҳрири забони асарҳои бадеӣ ва публитсистӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ**

Густариши забони имрӯзаи тоҷикӣ дар он сурат мукаммал мешавад, ки осори ғановатманди даврахои гуногуни таърихи он омӯхта шаванд. Таҳқиқи забон ва услуби шоирону нависандагони ҳар давр бозгӯ аз асаре, ки дар даврахои аввали густариши илму адабамон ба вуҷуд омадаанд, барои ташаккули забони имрӯзаи тоҷикӣ мусоидат мекунанд. Садриддин Айнӣ аз ҷумлаи нависандагон ва таҳриргарони оғози навҷӯйиҳои адабӣ, бахусус публитсистикаи тоҷик аст, ки навиштаҳо ва таҳрирҳои ӯ ба сифати тавсия ва шинохти анъанаҳои давраи ҷадидия муаррифӣ мешаванд.

Диссертатсияи номзадии Алиева Ҷамила дар мавзуи «Нақши Садриддин Айнӣ дар таҳрири забони асарҳои бадеӣ ва публитсистӣ» унвон гирифтааст, ки яке аз масъалаҳои печидаву пурбаҳси илми забоншиносӣ мебошад. Қайд намудан бамаврид аст, ки ҳар забон вобаста ба давру замонҳо рушду инкишофро аз сар мегузаронад. Аз ин рӯ, забони тоҷикиро, ки дорои қудрати беинтиҳои шаклу маъноофаринӣ аст, наметавон ҳамчун забони сода муаррифӣ намоем.

Диссертант яке аз масъалаҳои муҳимми илмии забоншиносиро мавриди таҳқиқи хеш қарор додааст, ки барои омӯзандагони минбаъда маводи хуби амалӣ хоҳад буд. Ин аст, ки мо бо боварии комил гуфта метавонем, ки диссертант аз таҳқиқи мазмуну муҳтаво, забону услуб ва дигар ҷанбаҳои таҳририи забони асарҳои бадеӣ ва публитсистӣ ба хубӣ баромада тавонистааст.

Диссертатсияи Алиева Ҷамила дар мавзуи «Нақши Садриддин Айнӣ дар таҳрири забони асарҳои бадеӣ ва публитсистӣ» аҳаммияти зиёди илмӣ дошта, аз мутолиаи автореферат маълум гардид, ки диссертант як кори хубу арзишманди илмиеро мавриди назари худ қарор дода, дар сатҳи баланди илмӣ иншо намудааст.

Дисертатсия аз муқаддима, се боб, хулоса, рӯйхати адабиёт ва тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ иборат аст. Дар муқаддимаи автореферат зарурату муҳиммияти интихоб ва пажуҳиши мавзуъ, назари олимони забоншиноси ватаниву хориҷӣ оид ба мавзуъ, дараҷаи омӯзиши он, мақсаду вазифа, объект ва мавзуи таҳқиқ, навгонии он, асосҳои назариявии таҳқиқ, аҳаммияти назариявию амалии

диссертатсия, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, натиҷаҳои таҳқиқот, ҳаҷм ва сохтори диссертатсия нишон дода шудааст.

Ҳар як боби диссертатсия бо як низоми муайян бандубаст гардида, ҳар кадом паҳлӯҳои гуногуни таҳқиқотро фарогир мебошанд.

Боби аввал «Асосҳои назариявӣ ва амалии таҳрири адабӣ» номгузорӣ шудааст, ки панҷ фаслро дар бар мегирад. Муҳаққиқ дар ин боб ҷиҳати назариявии диссертатсияро матраҳ намуда, маълумоти муфассал атрофи маънои истилоҳии таҳрир, зарурати он дар ҷомеаи адабӣ, робитаи таҳрир бо илмҳои дигар ва таърихи кори муҳарририро баён намудааст.

Боби дуюм «Фаъолияти муҳарририи Садриддин Айнӣ» ном дорад, ки дорои панҷ фасл мебошад. Ҳар фасл ҷанбаи ҷудогонае аз фаъолияти муҳарририи устод С. Айниро дар бар мегирад.

Боби сеюм «Нақши Садриддин Айнӣ дар таҳрири осори нависандагони тоҷик» номгузорӣ шудааст, ки чор фаслро дар бар мегирад. Дар ин боб оид ба саҳми устод С. Айнӣ дар рушду камолоти эҷодии бисёр шоирону нависандагони муосири тоҷик мавриди баррасӣ қарор дода шудааст.

Дар хулоса муаллифи диссертатсия фикру андешаҳои худро дар даҳ банд ҷамъбаст кардааст. Ҳамчунин, диссертант дар чор банди дигар «Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ»-ро овардааст.

Натиҷаҳо ва нуктаҳои муҳимтарини диссертатсияро метавон дар рушди минбаъдаи кори муҳаррирӣ, ҷараёнӣ таълими таҳрири адабӣ, услубшиносӣ ва наҳв, дар ихтисосҳои филологӣ ва рӯзноманигорӣ мавриди истифода қарор дод. Истифодаи маводи диссертатсия дар таълими дарсҳои амалии асосҳои маданияти нутқ ва услубшиносӣ, каломи бадеъ, радио, телевизион ва тарҷумаҳо муфид хоҳад буд.

Ҳамин тавр, кори диссертатсионии Алиева Ҷамила Файзовна дар мавзуи «Нақши Садриддин Айнӣ дар таҳрири забони асарҳои бадеӣ ва публитсистӣ» дорои арзиши назарраси илмӣ буда, дар баробари дастовардҳо дар автореферат баъзе камбудиҳо низ ба чашм мерасанд:

1. Хуб мебуд, ки дар қисмати назариявии автореферат номи А.Маҳмадаминов, ки яке аз муҳаққиқони сермаҳсули осори Садриддин Айнӣ мебошад, дар қатори дигар олимон зикр мешуд.

2. Баъзе ғалатҳои имлоӣ ва техникӣ (саҳ. 3, 5, 6, 10, 14, 19) ба матни автореферат роҳ ёфтаанд, ки ислоҳ мехоҳанд.

Камбудиҳои зикршуда чузъӣ буда, арзиши умумии илмии диссертатсияро коҳиш намедиҳанд. Таҳқиқоти мазкур аз ҷиҳати фарогирӣ ва таҳлили мавод, истифодаи осори илмӣ комил буда, кори

илмии бaанҷомрасида маҳсуб мегардад. Муаллиф оид ба мавзуъ мақолаҳои илмиро дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расонидааст, ки муҳтавои диссертатсияро инъикос мекунанд. Коркарди амалии натиҷаҳои таҳқиқ ва нашри таълифоти илмӣ, мавзуи диссертатсия ба меъёр ва талаботи Комиссияи олии аттестатсионӣ ҷавобгӯ мебошанд.

Диссертатсияи номзадии Алиева Ҷамила Файзовна дар мавзуи «Нақши Садриддин Айнӣ дар таҳрири забони асарҳои бадеӣ ва публитсистӣ» ба талаботи бандҳои 31-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ сазовор мебошад.

**Муқарриз: номзади илмҳои филологӣ,**
**муаллими калони кафедраи забони**
**тоҷикии умумидонишгоҳии**
**Донишгоҳи давлатии омӯзгории**
**Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ** **Иброимова Гуландом Наимовна**

**Имзои Иброимова Г.Н.-ро**
**тасдиқ мекунам:**
**Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси**
**ДДОТ ба номи С. Айнӣ** **Мустафозода Абдукарим**

**Суроға: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,**
**ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 121,**
**Почтаи электронӣ: Gul.Ibroimzoda.@mail.ru**
**Телефон: +992 918949503**

**«5»-уми апрели соли 2024**